# АЛОҚАҲОИ МУФИД

### ХАДАМОТҲОИ МАЪЛУМОТДИҲИИ УМУМИРУСИЯГӢ:

**www.гувд.мвд.рф** – сайти расмии Сарраёсати ВКДФР доир ба масъалаҳои муҳоҷират

**www.trudvsem.ru** – базаи умумирусиягии ҷойҳои холии кории Хадамоти федералии шуғли аҳолӣ

**www.онлайнинспекция.рф** – портали Хадамоти федералии меҳнат ва шуғл барои қабули муроҷиатҳои электронӣ доир ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнат.

### ХАДАМОТҲОИ ИТТИЛООТИИ ШАҲРИ САНКТ-ПЕТЕРБУРГ:

**www.migrantinfo.spb.ru** – захираҳои интернетӣ барои муҳоҷирон, иттилот дар бораи қонунгузории ФР оиди муҳоҷирати меҳнатӣ, маслиҳатҳо ба муҳоҷирон, алоқаҳои муфид.

**www.ksob.spb.ru/participants** – сайтҳои шабакаи китобхонаҳои Санкт-Петербург, ки бо гӯшаҳои ахборотии «Гӯшаи муҳоҷир» ҷиҳозонида шудаанд.

### МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР Ш. САНКТ-ПЕТЕРБУРГ:

**Кумитаи муносибатҳои байни миллатҳо ва тадбиқи сиёсати муҳоҷирати Санкт-Петербург**
**Санкт-Петербург, хиёбони Москва, х. 10-12.**
Суроғаи почтавӣ: 191060, Смольний. e-mail: kmormp.gov.spb.ru.
Тел. 8 (812) 576-28-08.
Гурӯҳ дар ВКонтакте «Зери қаноти Петербург»: vk.com/spbmigrant.

**Кумитаи сиёсати иҷтимоии Санкт-Петербург**
(расонидани дастгирии иҷтимоӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва аъзоёни оилаи онҳо)
1900000, СПб, тангкӯчаи Антоненко, х. 6, тел. 8 (812) 334-41-44, ksp@gov.spb.ru

**ХДК СПб «Хонаи миллатҳои ш. Санкт-Петербург»**
СПб, кӯчаи Моховая, х. 15, литер А.
Тел. қабулгоҳ: 8 (812) 579-00-09. e-mail: info@spbdn.ru, domnac@yandex.ru. Сайт: www.spbdn.ru

**Раёсати СР ВКД Русия доир ба масъалаҳои муҳоҷират дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград**
Сайт: https://78.mvd.ru/ms
191028, СПб, кӯчаи Кирочная, х.4 литер А.
Тел. 8 (812) 579-47-92, 8 (812) 273-90-03,
Телефони боварӣ 8 (812) 573-30-02,
тел. боварӣ оиди ҳолатҳои коррупсионӣ 8 (812) 542-15-69.

**– Шӯъбаи масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ (масъалаҳои шуғл ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо):**
СПб, кӯчаи Красний Текстилшик, х. 15, тел. 8 (812) 318-06-26.

**– Шӯъбаи барасмиятдарории иҷозат барои зисти муваққатӣ:**
СПб, кӯч. Красний Текстилшик, х. 10/12, тел. 8 (812) 383-94-83, 8 (812) 383-94-91.

**– Шӯъбаи ташкили назорати муҳоҷират (назорати риояи қонунгузории муҳоҷират)**
СПб, Соҳили дарёи Фонтанка, х. 78, тел. 8 (812) 314-61-91.

**Марказҳои бисёрсоҳавие, ки хизматҳои давлатӣ ва мунитсипалӣ пешниҳод менамоянд (МФЦ)**
Хадамоти ягонаи маълумотдиҳӣ МБСХДМ. тел. 8 (812) 573-90-00
Номгӯи МБСХДМ Санкт-Петербург бо суроғаҳо ва телефонҳо https://gu.spb.ru/mfc/

**Ҷустуҷӯи кор дар СПб мусоидат ба шуғли меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ:**

**ХДК СПб «Маркази захираҳои меҳнатӣ»**
Тел. 8 (812) 758-36-34, www.spbgauctr.ru. Телефони боварӣ доир ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ. 8-800-333-70-97.

**ХДК СПб «Маркази шуғли аҳолӣ»**
Тел. 8 (812) 571-00-41. Сайт: www.r21.spb.ru

**Дастгирии ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ:**

**Нозироти давлатии меҳнат дар ш. Санкт-Петербург (дар сурати вайрон гардидани ҳуқуқҳои меҳнатӣ)**
198095, СПб, кӯч. Зоя Космодемянская, х. 28А,
тел. 8 (812) 746-59-86, http://git78.rostrud.ru

**Прокуратураи ш. Санкт-Петербург (ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандони хориҷӣ, шикоят аз болои қарорҳо ва ҳаракатҳои шахсони расмӣ)**
190000, СПб, кӯч. Почтамтская, х. 2/9, тел. 8 (812) 318-26-34, http://procspb.ru/reception – барои муроҷиатҳои интернетӣ.

**Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ш. СПб (назорати риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандони хориҷӣ аз ҷониби кормандони мақомоти давлатӣ)**
СПб, тангкӯчаи Шербаков, х. 1/3, тел. 8 (812) 374-99-39.

### ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ:

**ФҶ «ПСП-фонд»**
(маслиҳатдиҳии ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ, дастгирӣ ва такмили лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва доир ба маориф)
СПб, кӯчаи Малая Конюшенная, х. 1/3Б, тел. 337-57-85.
Сайт: psp-f.org

**Фонди «Ориентир»**
СПб, кӯчаи Рим-Корсаков, х. 39, дар ҳавли,
тел. +7 (911) 253-85-01; (812)385-69-89

**Салиби Сурхи Русия**
СПб, кӯчаи Гончарная, х. 19, тел. 717-35-31, 8 800- 333-00-16.

**«Кӯдакони Петербург» (ёрӣ ба кӯдакони муҳоҷирон)**
СПб, кӯчаи Иттифоқи Нашриётчиён, х. 7Б, тел. 8 (911) 773-77-87.
Сайт: http://detipeterburga.ru

**Аз ҷониби Кумитаи муносибатҳои байни миллатҳо ва тадбиқи сиёсати муҳоҷирати ш. Санкт-Петербург таҳия карда шудааст, 2018 с.**

**Кумитаи муносибатҳои байни миллатҳо ва тадбиқи сиёсати муҳоҷирати шаҳри Санкт-Петербург**

# МАРҲАМАТ БА ШАҲРИ САНКТ-ПЕТЕРБУРГ!



# МАЪЛУМОТИ МУФИД БАРОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

# МАҚСАДИ ОМАДАН – КОР. ДАСТУРАМАЛИ МУХТАСАР, КИ БОЯД ДОНИСТ

**1. Ҳангоми гузаштани сарҳади Федератсияи Русия, Шумо корти муҳоҷириро пур менамоед.**

**КОРТИ МУҲОҶИРӢ** – ин ҳуҷҷате мебошад, ки дар бораи аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ убур карда шудани сарҳади Федератсияи Русия гувоҳӣ медиҳад. Пур кардани он бо ҳарфҳои лотинӣ мутобиқи маълумотҳои дар шиноснома овардашуда роҳ дода мешавад. Барои минбаъд шуғли меҳнат шудан дар банди «мақсади омадан» бояд КОР қайд карда шавад.

**2. Ҳар як шаҳрванди хориҷӣ баробари ба ФР омадан бояд худро ба қайди муҳоҷир гузорад.**

**ТАСДИҚНОМА ОИДИ БА ҚАЙДИ МУҲОҶИРОН ГУЗОШТАН** – ин ҳуҷҷати асосии шаҳрванди хориҷӣ маҳсуб меёбад, ки қонунӣ будани будубоши ӯро дар ФР тасдиқ менамояд.

Қоидаи ба қайди муҳоҷирӣ гузоштан ин бохабар намудани мақомоти маҳаллии ВКД Русия дар сатҳи ноҳия оиди омадани шаҳрванди хориҷӣ буда, бояд шаҳрванди хориҷӣ **дар муддати 7 рӯзи корӣ баъди омадани шаҳрванди хориҷӣ ба ҳудуди ФР худро ба қайд монад (барои шаҳрвандони Тоҷикистон – 15 рӯз, барои шаҳрвандони Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон – 30 рӯз, барои шаҳрвандони Белорус – 90 рӯз).**

Бо баробари ин донистан зарур аст, ки ҳамаи қоидаҳои бақайдгирии муҳоҷирӣ аз ҷониби тарафи қабулкунанда ба ҷо оварда мешавад. Шаҳрванди хориҷӣ бо омадан ба ҷои будубош ба Тарафи қабулкунанда шиноснома ва корти муҳоҷирии худро нишон медиҳад.

Ҷои буду боши шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд дар Федератсияи Русия (минбаъд-ҷои будубош) – ҳуҷраи истиқоматӣ ё дигар манзиле, ки дар он шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд воқеан зиндагӣ мекунад (мунтазам аз он барои хоб кардан ва истироҳат кардан истифода менамояд).

Мусодира кардани шиноснома ва корти муҳоҷирӣ роҳ дода намешавад.

**Ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии муҳоҷирӣ дар ФР:**
- Шиноснома шаҳрванди хориҷӣ (барои шаҳрванди Ӯзбекистон зарур аст, ки шиносномаи намунаи нав бо маълумотҳои биометрӣ пешниҳод карда шавад),
- Тарҷумаи тариқи нотариалӣ тасдиқкардашудаи шиноснома,
- Корти муҳоҷирӣ.

**Тарафи қабулкунанда метавонад бошад:**
– шаҳрвандони Русия, ки доимо дар ФР зиндагӣ мекунанд, шаҳрвандони хориҷие, ки ҳуҷҷат барои зиндагӣ кардан доранд ва шахсони бе шаҳрванд,
– шахсони ҳуқуқӣ, ки воқеан шаҳрванди хориҷӣ ҳамроҳи онҳо зиндагӣ мекунад.
– маъмурияти меҳмонхона (ёки дигар ташкилоти хизматрасонандаи хизматҳои меҳмонхонадорӣ), ҳангоми ҷойгир шудани шаҳрванди хориҷӣ дар меҳмонхона.

Баъди тасдиқи омадани шаҳрванди хориҷӣ аз ҷониби тарафи қабулкунанда мақомоти ВКД Русия дар сатҳи ноҳия Тарафи қабулкунанда ба шаҳрванди хориҷӣ порчаи тасдиқнома оиди ба қайди муҳоҷирӣ гирифтани онро месупорад.

Мавҷуд будани порчаи тасдиқнома дар дасти шаҳрванди хориҷӣ бо қайди гузошташуда ба қайди муҳоҷирон гирифта шудани шаҳрванди хориҷиро тасдиқ менамояд.

**Вайрон кардани қоидаҳои бақайдгирии муҳоҷирон боиси ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани шаҳрванди хориҷӣ дар намуди ҷарима ё аз қаламрави ФР берун карда шудани он бе ҳуқуқи ба ФР ворид шудан дар давоми 5 сол мегардад.**

Барои бастани Шартномаи меҳнатӣ барои шаҳрвандони Белорус, Арманистон, Қирғизистон пешниҳоди шиноснома, тасдиқнома дар бораи ба қайд гузоштан дар ҷои будубош, полиси ихтиёрии тиббӣ (ДМС) РМА, СНИЛС басанда аст.

Барои бо меҳнати қонунӣ машғул шудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Молдова, Украина, Озорбойҷон дар ФР иловатан патент гирифтан лозим аст.

**3. Гирифтани патент.**

**ПАТЕНТ** – ҳуҷҷате мебошад, ки барои кор кардан дар ҳудуди ФР бо шарти пардохт намудани ҳармоҳа ҳуқуқ медиҳад. Ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани патент бояд дар давоми **30** руз аз санаи ба ФР ворид шудан пешниҳод намуд. Ҳангоми вайрон намудани ин мӯҳлат ҷарима ситонида мешавад.

**Патент танҳо дар ҳамон минтақаи ФР амал мекунад, ки барои дар он кор кардан гирифта шуда аст. Патент барои кор дар ш. Санкт-Петербург дар вилояти Ленинград амал намекунад!**

Патентро барои кор кардан дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград аз шӯъбаи муҳоҷирати меҳнатии РМД СР ВКД Русия дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград дар суроғаи: кӯчаи Красний Текстилшик, х. 15 гирифтан мумкин аст.

Барои гирифтани патент барои кор дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград КВДФ «Хадамоти шиносномадиҳӣ-раводид», ки дар кӯчаи Красний Текстилшик, х. 15, литер А ҷойгир шудааст, тел. 8 (812) 318-01-22, e-mail: spb@pvsmvd.ru. мусоидат менамояд.
Тартиби кор: душанбе-ҷумъа: аз 9:00 то 18:00.
Танафуси нисфирӯзӣ: аз 13:00 то 14:00.
Рӯзҳои истироҳат: шанбе, якшанбе.

Барои гирифтани патент ҳуҷҷатҳо бояд танҳо ШАХСАН ва танҳо ба РМД СР ВКД бо нишон додани расид дар бораи пардохти патент пешниҳод карда шавад. Патент дар давоми 10 рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза дода мешавад.

**Маҷмӯи ҳуҷҷатҳо барои гирифтани патент:**
- Ариза барои гирифтани патент. Бланки ариза ва намунаҳои пуркардашудаи онро ройгон аз шӯъбаҳои РМД ё СР ВКД Русия дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград ё аз сайти он https://78.мвд.рф/ms гирифтан мумкин аст.
- Шиносномаи шаҳрванди хориҷӣ.
- Тарҷумаи тариқи нотариалӣ тасдиқкардашудаи шиноснома.
- Корти муҳоҷир (бо қайди: мақсади сафар: КОР).
- Тасдиқнома оиди ба қайди муҳоҷирӣ гузоштан.
- Сертификат оиди донистани забони русӣ, таърихи Русия ва асосҳои қонунгузории ФР.
 Сертификат давоми 5 сол эътибор дорад. Сертификат ҳолати зерин зарур нест: дар сурати мавҷуд будани нусхаи аслии ҳуҷҷат оиди хатм намудани мактаби миёна дар ҳудуди ИҶШС то 01.09.1991 с. (мактаб, омӯзишгоҳ, техникум, муассисаи олии таълимӣ) ёки оиди хатм намудани мактаби олӣ дар ҳудуди ФР баъди санаи 01.09.1991 сол.
- Маълумотномаи тиббӣ ва сертификат оиди мавҷуд набудани бемориҳои сироятӣ (ВИЧ СПИД).
- Полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС).
- 2 – то расми 3х4 см ранга.
- Пешпардохт барои патент 3 500 руб. (2018 г.).

**4. Амал баъди гирифтани патент.**

**4.1. Шуғли меҳнатӣ.**

**4.2. Пардохт (яъне дароз кардан) – и патент дар давоми 11 моҳ.**

Расид оиди пешпардохти патент (НДФЛ) (яъне дароз кардани патент) дар сайти зерин мустақилона иҷро кардан мумкин www.nalog.ru. Дар расид ҳатман РМА шаҳрванди хориҷӣ нишон дода шавад. Дар ҳар кадом шӯъбаҳои бонк пардохт кардан мумкин аст РМА ба патент ворид карда мешавад. РМА-ро дар базаи мақомоти андоз санҷидан мумкин аст. (www.nalog.ru).

**Баъди ворид намудани пардохтҳо ҳамаи расидҳоро бояд нигоҳ дошт, онҳо метавонанд лозим шаванд.**

**4.3. Баъди гирифтани патент ба Шумо зарур аст, ки дар давоми як моҳ ба РМД СР ВКД Русия нусхаи Шартномаи меҳнатиро равон кунед.**

**Муддати умумии эътибори патент – 1 сол.**

Дар сурате, ки агар Шумо дар ФР фаъолияти кориро давом додан хоҳед, ба Шумо лозим меояд, ки патентро аз нав ба расмият дароред.

**5. Аз нав ба расмият даровардани патент.**

Аз нав ба расмият даровардани патент танҳо 1 маротиба дар 12 моҳ имконпазир аст. Ҳуҷҷатҳо барои аз нав тартиб додани патент ба СР ВКД Русия дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград на дертар аз **10** рӯзи корӣ то ба охир расидани мӯҳлати 12 моҳаи патенти пешина пешниҳод карда мешавад.

Шаҳрванди хориҷӣ метавонад дар ҳудуди ФР дар асоси патент то 2 сол қарор дошта бошад, зеро ки патенти якум, ки барои як сол дода шудааст метавонад аз ФР набаромада боз ба мӯҳлати 1 соли дигар дароз карда шавад.

**Ҳуҷҷатҳое, ки барои аз нав тартиб додани патент заруранд бо ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани патенти якум пешниҳод карда шуда буданд мувофиқ меоянд. (б. 3 ниг.) Ҳамчунин зеринҳо бояд замима карда шаванд:**
- Ариза барои аз нав тартиб додани патент;
- Аз корфармо: дархост барои дароз кардани мӯҳлати амали патенти шаҳрванди хориҷӣ;
- Шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ барои иҷрои кор.
- Расид оиди пардохти патент.